**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор **Ибодуллозода А.И.**

_______________________

“10” декабри соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи **Бозоров Хушвахт** “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)).

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро яке аз проблемаҳои муҳимми илми методика - ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дарбар мегирад. Мусаллам аст, ки беҳтар ба роҳ мондани сатҳу сифати таълим ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Тадбири зерин дар таъмин ва пешрафти соҳаи илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ пазируфта шуда, ҷустуҷӯи имкониятҳои сифатан баланд бардоштани раванди омӯзиши фанҳои мактабӣ, аз ҷумла, забони модарӣ аз масъалаҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Дар ин росто, яке аз тадбирҳои басо муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри

соли 2020, №526) ба рушди малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ)-ии шогирдони муассисаҳои таҳсилот диққати калон дода шудааст. Муносибати босалоҳият ба таълим ба саволҳои “Хонанда чӣ гуна бояд фикр кунад?”, “Хонанда кадом амалҳоро бояд иҷро карда тавонад?” ҷавобҳои мушаххас медиҳад. Маънӣ чунин аст, ки дар муносибати босалоҳият ба таълим дониш ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои таҳлил кардан, интиқод кардан, санҷидан, муқоиса кардан (бо намунаҳо) роҳи васеъ мекушояд.

Дар рисола як нуктаи хеле муҳим ва калидӣ - ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ин самти пажуҳиш муаллиф диққати асосиро ба ҷиҳати амалии азхудкунии дониш, малака ва маҳорати шогирдони мактабхон равона карда, ҳадаф омода кардани талабагон ба ҳаёти мустақилона дар заминаи забономӯзӣ ва забондонӣ мебошад. Барои ин ба назар гирифтани донишҳои заминавии хонанда зарур аст.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба кӯшиш, рағбат ва ҳавасмандии онҳо такони хуб бахшида, дар роҳи омӯзиши забони модарӣ, ки калиди ҳама гуна фанҳои мактабӣ аст, таҳкурсии боэътимод хоҳад шуд. Яъне, раванди дарсҳои забони модарӣ ба рушди бомароми зеҳнию нутқӣ мусоидат карда, талабагон барои аз худ намудани асосҳои дониш масъул мегарданд, худро ҳамчун узви ҷомеа ва коллективи синф эҳсос мекунанд.

Бинобар ақидаи муаллифи рисола аҳамияти рӯзафзуни ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона дар омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар робита ба фарҳанги нутқ ва гуфтору навиштор, зарурати амалии таҳияи низоми босамари таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ, рушди маҳорат ва малакаи забондонӣ ва забоншиносии онҳо таъмин мегардад. Аз ин лиҳоз, муаллиф мутмаин аст, ки аҳаммияти баланд бардоштани савияи дониш

ва маҳорату малакаи нутқи хонандагони хурдсол аз қадамҳои нахуст бояд бо низом, батартиб ва ҳусни омӯзишу парвариш роҳандозӣ гардад.

Рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқати комил дорад ва нуктаҳои асосии ин самти тахассуси зикршударо инъикос мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.**

Саҳми диссертант дар коркарди асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ назаррас буда, масъалаи зикршуда ҳамчун омили пешбарандаи рушди зеҳн ва нутқи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ пешниҳод ва матраҳ шудааст. Дар рисола ба эътибор гирифтани имконияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ бо роҳу усулҳои гуногуни методӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Унвонҷӯ собит месозад, ки моҳияти омӯзандагӣ, ташакулдиҳандагӣ ва тарбиявии матнҳо, роҳҳои муайянсозии имкониятҳои ақлии талабагон, технологияи ба кори мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ одат кунонидани талабагон мақоми муҳимро ба иҷро мерасонад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти асосҳои методологӣ-бунёдӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз ҳарфи нахуст то нуқтаи ниҳоӣ фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим ва пайгирии равандҳои асосии он, тавассути методикаи ибтикории фаъолияти мустақилонаи онҳо ҳамчун роҳу усули пешбаранда ва рушддиҳандаи зеҳнии хонандагон мавриди ҳаллу фасл қарор ёфтааст.

Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Бозоров Х. дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир дар самти вусъати фаъолиятмандӣ, мустақилона омӯхтан, фикр кардан, озодона муошират кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ ва таҳаввули назаррас дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим коркард ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст, ки амсилаи (модел) пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули тафаккур, зеҳн ва нутқ, салоҳияти коммуникативии хонандагон дар робита бо технологияҳои муосири педагогӣ ба фаъолнокии мустақили онҳо мусоидат мекунад.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз нигоҳи илмӣ-методӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ҷумла, мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ, коркарди асосҳои илмии омӯзиши забони тоҷикӣ, таҳқиқи мантиқии мафҳум ва моҳияти матн дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ, коркарди системаи машқҳо дар робита ба инкишофи зеҳн ва малакаҳои нутқи шифоҳию хаттӣ ва амсоли ин.

Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй дар таҳқиқи проблема ва масъалаҳои дар диссертатсия гузошта ноил ва комёб ҳам шудааст.

Муаллифи диссертатсия фарзияи таҳқиқотро воқеъбинона муайян карда, чунин пешбинӣ кардааст, ки раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар сурате самаранок мегардад, ки агар омӯзгорон ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, махсусан стандарт, барнома, нақшаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аҳмияти ҷиддӣ диҳанд; фаҳмиши амиқи ҳодисаҳо ва воқеияти ҳаётӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои муосири таълим дар дарсҳои забони модарӣ ба назар гирифта шавад; заминаҳои педагогӣ-психологии фаъолмандӣ ва вусъати

кори мустақилона дар ташаккули зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба эътибор гирифта шавад ва амсоли он.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ бадастовардаи унвонҷӯй Бозоров Х. аз он шаҳодат медиҳад, ки фарзияи аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда комилан тасдиқи бунёдӣ ва амалии худро ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия “**Рушди ақидаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ”** як силсила масъалаҳо: муқаррароти назариявии рушди зеҳнӣ ва нуткӣ - мақсади асосии фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ; имконияти зеҳнии талабагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии онҳо дар асарҳои методӣ; таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастур ва маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ (мазмуни таълим) вобаста ба фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол; сатҳ ва дараҷаи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ва фаъолияти ташаккулдиҳандаи мустақилонаи таълимӣ дар робита бо имконоти зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ; вазъи ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ ҷиддӣ ва муфассал тавзеҳ ва таҳлил ёфтаанд. Муаллифи рисола оид ба ҳар як масъалаи боби якум андешаҳои худро аз нигоҳи таҳлил ва баррасии интиқодӣ иброз намуда, вобаста ба ҳар як гузориши масъала пешниҳоду тавсияҳо ба миён гузоштааст.

Аз ҷумла қайд мегардад, ки муноибати босалоҳият ба таълим низоми пешқадам дар самти фаъолмандии хонандагон арзёбӣ гардида, онҳоро бештар ба ҷониби мустақилона омӯхтан ва амал кардан ҳидоят мекунад. Дар таълими анъанавӣ набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, додани донишҳои тайёр,

набудани ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳо, хонандагонро ба фориғболӣ, андеша накардан, мустақилона амал накардан бурда мерасонад.

Азбаркунии сатҳии қоидаҳои забон бидуни маънидод ва шарҳи донишҳои азбарнамуда раванди таълими забони модариро душвор мегардонад. Зиёда аз ин, дар таълими анъанавӣ диққати ҷиддӣ ба вусъати мустақилона омӯхтани хонандагон чандон роҳ намекушояд.

Дар боби дуюми диссертатсия – "**Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ"** - мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилона дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ; тарҳи мазмун ва намудҳои фаъолияти мустақилона дар рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ; ҷанбаи талаботию ҳавасмандона анҷом додани фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар рушди зеҳнию нутқии онҳо; вусъати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робитаи мутақобила бо рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ ба риштаи таҳқиқ ва андешаю мулоҳизоти муаллиф кашида шудааст.

Дар ин боб унвонҷӯй чунин хулоса мекунад, ки ҷалби хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба рушди зеҳнии забон ва нутқи хаттию шифоҳии онҳо нақши муҳим бозида, асос мегузорад. Ҳамзамон, истифодаи роҳ ва усулҳои таълиму тарбия, ки ба ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад, бояд омодасозии омӯзгорро ҳамчун симои асосӣ дар раванди омӯзиши воқеӣ ва ба насли наврас ба мерос мондани дониш, фарҳанг, ахлоқи ҳамида, ватандӯстию ифтихори миллӣ, ки бо адабиёт, фарҳанг, санъат ва таърихи ниёгони мо тавъам аст, таъмин намояд.

Дар боби сеюми диссертатсия "**Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ"** унвонҷӯй

методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимиро дар рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ, ташкили шаклҳои таълими беруназсинфӣ ва фаъолияти мустақилона аз забони модариро дар рушди нутқи талабагони синфҳои ибтидоӣ, роҳу усули ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагиро дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол мавриди ҳаллу фасл қарор додааст.

Муаллиф мутмаин аст, ки робитаи таълими ҳамгиро бо усули тафриқа, тавассути аёният, қоидаҳо, намунаҳо, нақшаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда, методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ нигаронида шудаанд, аҳаммияти калон доранд.

Хоса таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳангоми кор бо варақаҳои такявӣ, намунавӣ ва баррасии дастаҷамъонаи натиҷаи фаъолият дар синф вобаста мебошад.

Дар боби чоруми диссертатсия – **“Сатҳи ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робита ба рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ”** муаллиф диққати худро ба асосмандии методии интихоби шаклҳо, мазмун ва намудҳои фаъолияти таълимии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарии синфҳои ибтидоӣ; иҷрои бошууронаи фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсоли мактабӣ ҳини омӯзиши забони модарӣ; самарабахшии технологияи ташаккули малакаи фаъолияти таълимии мустақилона ва рушди зеҳнию забонии талабагони синфҳои ибтидоӣ ҷалб намуда, чунин андеша меронад, ки ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои

ибтидоиро дар шароити имрӯза ҳамчун масъалаи асосии баланд бардоштани сифати таълими муассиса ҳисобидан мумкин аст.

Зикр бояд кард, ки сатҳи маърифатнокии хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони тоҷикӣ хеле суст инкишоф ёфта, хусусиятҳои хоси ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври пурра ошкор нагардиданд.

Барои баланд бардоштани сифати таълим ва ба чорчӯбаи ҳозиразамони стандартикунонии мазмуни таҳсилот ворид кардани он шаклҳои нави самараноки воситаҳои таълим, санҷиши сифати дониш ва дигар чорабиниҳо бояд роҳандозӣ гарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шуда, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба рушди салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ ва маърифатию эҷодии хонанадгони синфҳои ибтидоӣ мусоидат хоҳад кард.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия бори нахуст асосҳои илмӣ-методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоиро ҳини омӯзиши забони модарӣ, аз ҷумла, роҳҳои самараноки ташкили фаъолмандии онҳоро дар самти рушди зеҳн ва нутқ муайян кардааст. Инчунин:

- усулҳои муосири ташаккули фаъолияти мустақилонаи талабагон ба хотири рушди салоҳияти зеҳнӣ ва нутқи онҳо асоснок гардидааст;

- талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилона дар омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи нерӯи фикрӣ-зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ аниқ карда шудааст;

- вазъи кунунии фаъолмандӣ ва ҷиддияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар самти омӯзиши мустақили забони модарӣ ба хотири рушди тафаккур ва зеҳнияти талабагон равшан карда шудааст;

- амсилаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ таҳия гардидааст;

- шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Бозоров Х. аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин баёнгари вазъи баланди пажуҳишии рисолаанд:

- дар сатҳи хуб донистани забони модарӣ, меъёрҳо ва қоидаву қонунҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мутобиқ ба талаботи стандарт ва барномаи таълим, бой гардидани захираи луғат, дарки матнҳои таълимӣ, донистани асосҳои имло ва аломатҳои китобат муҳим арзёбӣ мегардад;

- ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълими забони модарӣ дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Ин нукта дар сарчашмаҳо ва афкори методию педагогӣ, низоми таълиму тадрис ба ҳукми амал ворид шуда, муносибати босалоҳият ба таълимро ҳамчун унсури самараноки раванди омӯзиши забони модарӣ арзёбӣ мекунад;

- ҳадафи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ такмили малакаю маҳорати гуфтор, тавони баён кардани фикр, бехато навиштан, мукаммал намудани дарки амиқи ҷиҳатҳои хоси воситаҳои забони тоҷикӣ ҳамчун заминаи нутқ ва мебошад;

- ташаккули нутқи шифоҳӣ ва хатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи матн ва машқҳои гуногун дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ ба рушди салоҳиятмандии мактабиён таквият мебахшад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи методикаи таълим ва омӯзиши забони модарӣ ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари он аст:

- фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши забони модарӣ ба болоравии сатҳи дониши талабагон мусоидат намуда, ба зеҳн ва нутқи онҳо рушд бахшид;

- ташкили дурусти кори мустақилона маҳорати касбии омӯзгоронро пайваста баланд бардошта, дар самти дуруст аз худ намудани асосҳои илми забон ва дониши васеъ ба талабагон ёрии амалӣ расонд;

- ташкили дурусти кори мустақилона боиси болоравии сатҳи дониш ва салоҳияти забонӣ ва коммуникативии талабагон гардид.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар мулоҳизоти зерин ифода меёбад:

- ҷанбаҳои педагогӣ ва методии ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши забони модарӣ муайян гардид;

- пайдарпайии роҳу пешниҳодҳои дар рисола истифодашуда ба болоравии сатҳи дониш мусоидат намуда, имконият дод, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона қобилияти зеҳнию нутқии талабагон рушд ёфта, дониши назариявии андӯхтаи онҳо дар амалия татбиқ гардида, вусъати салоҳияти забонии мактабиёро собит кард;

- истифода аз роҳу усулҳои гуногуни фаъолмандии хонандагон ва ҷиддияти мустақилона омӯхтан имкон дод, ки дар талабагон қобилияти озодона нутқ кардан, рушди малакаю маҳорати муошират ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти забонӣ такмил ёбад;

- тавассути фаъолияти мустақилона омилҳои рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон муайян карда шуд;

- оид ба вазъи кунунии ташаккули салоҳияти забонӣ, фаъолмандии хонандагон ҳини омӯзиши забони модарӣ тавассути ибтикороти

мустақилона ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маълумоти зарурӣ ба даст оварда шуд;

Натиҷаҳои бадастомада дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии минтақаи Кӯлоб роҳандозӣ шудааст. Истифодаи маҷмуи усулҳои ҳамкорӣ (интерактивӣ)-и ба мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳиш дахлдор дар фаъолияти мустақилонаи хонандагони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин татбиқи худро пайдо кард.

Истифодаи такрории натиҷаҳо дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, исботи фарзияи пажуҳиш, иштироки шахсии муаллифи рисола дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, ҳамчунин, таҳлили хушсифати маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъмин гардид.

Самаранокии методологияи пешниҳодшуда бо маълумоти санҷиши озмоишӣ-назоратӣ собит карда шуда, имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар таҷрибаи таълим ва омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ вусъат ва таҳким ёбад.

Роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор гиранд. Тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими забони тоҷикиро дар самти ташаккули салоҳияти забонии хонандагон таъмин хоҳанд кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад, ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани сифати таълими забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, минҷумла, синфҳои ибтидоӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ, педагогика ва психология қарор гиранд.

Тавсияҳои методиро метавон дар раванди омодасозии омӯзгорони фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, курсҳои такмили ихтисос ва

семинарҳои омӯзишӣ ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, таҳияи диссертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ ва рефеxxxx истифода бурд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии методистҳо, педагогҳо, психологҳо, забоншиносони ватаниву хориҷӣ омӯхта шуда, ҷанбаҳои методии таълим ва омӯзиши забони модарӣ таҳқиқ гардид. Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии масъалаҳои мавриди назар далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу ҷамъбасти ғояҳои методологии таълим, принипҳои дидактикӣ ва ҷанбаҳои психологӣ, корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои боэътимоди методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, илмҳои педагогика ва психология, тафсир ва тавзеҳоти мафҳумҳои асосӣ, истифода аз усулҳои интегратсия ва дифференсатсия, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ҷаласаҳои муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2019-2023 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии такризшаванда дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии баргузоршуда ироа шудаанд.

Асосҳои илмӣ-методии таҳқиқоти Бозоров Х. мушаххас, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ ва амалӣ намоён карда, қобилияти хешро дар таҳлилу таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот собит месозад, ки он ҳама аз ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Заминаи эмпирикӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳар як давраи иҷрои кор, мантиқи афкор ва андешаҳои муаллифи рисола, забони илмии диссертатсия ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.** Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин кардаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-методӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқ аст ва тасаввуроти мушаххасро оид ба моҳияти таҳқиқоти мазкур инъикос менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионии унвонҷӯ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати унвонҷӯй Бозоров Х. аз камбудиву норасоиҳо озод нест ва зикри онҳо барои таҳлилу такмили таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мебуд агар дар боби якум таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ оид ба назарияи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

мавриди баррасӣ ва ҳалу фасл қарор гирифта, андешаҳои муаллим дар робита ба афкори олимони соҳаи педагогика ва психология изҳор мегардид.

2. Муаллифи диссертатсия дар боби якуми рисола чунин зикр мекунад: "Аз соли таҳсили 2016 дар Тоҷикистон хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба муносибати босалоҳият ба таълим гузаштанд, сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ташаккул дода шуд ва дар таълими забони модарӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, имконияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид." (саҳ. 105-106). Дар ин росто, муаллиф мебоист, оид ба мушкилот дар роҳандозии муносибати босалоҳият ба таълим, проблемаҳои омӯзгорон дар ин самт изҳори назар мекард, зеро мушоҳидаҳо собит мекунанд, ки омӯзгороне кам нестанд, ки ба дарки ин падидаи нав то ҳол нарарфтаанд.

3. Дар рисола роҳу усули ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути аёнияту воситаҳои технологии муосир мебоист, дақиқтар ва мушаххастар баён мегардид.

4. Дар саҳифаи 217 рисола омадааст: "Сарчашмаи ташаккул ва инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсол ба фаъолнокӣ, шавқу ҳавас ва маҳорати донишандӯзии хонандагон вобаста мебошад. Аз диди мо, маҳоратҳо ба се қисм ҷудо мешаванд: умумӣ, махсус ва амалӣ". Мебоист, хусусият ва мақоми маҳоратҳои зикршуда,афзалияти онҳо нисбат ба якдигар равшантар арзёбӣ мегардид.

5. Дар саҳифаи 357-и рисола байти Нозирии Нишопурӣ ҳатои мантиқӣ дорад. Дар мисраи якум вожаи адиб бо вожаи муаллим иваз гардад.

Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате, .

Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.

6. Дар саҳифаи 333-и рисола ҷумлаи “Барои баланд бардоштани сифати таълим ва ба чорчӯбаи ҳозиразамони стандартикунонии мазмуни таҳсилот ворид кардани он шаклҳои нави самараноки воситаҳои таълим, санҷиши сифати дониш ва дигар чорабиниҳо равона карда шудаанд” аз нигоҳи услуб хато ва ноқисиҳо дорад.

7. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ дучор мешаванд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ягон халал ва ё монеа ворид намесозанд.

**ХУЛОСА**

Диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бозоров Хушвахт сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гадоев Нурхон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт ва кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Бозоров Хушвахт иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт ва кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи муштараки кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт ва кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 10 декабри соли 2024, №1).

**Раиси** ҷаласаи васеи муштараки
кафедраи методикаи таълими забон
ва адабиёт ва кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ, мудири кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Қосимӣ Саъдӣ

**Эксперт**и таҳқиқоти диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария
ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон

Котиби ҷаласаи васеи муштараки
кафедраи методикаи таълими забон
ва адабиёт ва кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ Турсунова Мунаввара

**Сана**: 10.12.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(918) 65 71 94; E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзоҳои Қосимӣ С., Гадоев Н.
ва Турсунова М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.